# Протоколи № 9

мачлиси муттаҳидаи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти точик ва педагогикаи умумии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хучанд ба номи академик Б.Ғ.Ғафуров”
аз 14.04. 2022 сол

Иштирок доштанд:
Ш.Ҳакимова – дотсент (мудири кафедра), Ш.Кӯчибоев –дотсент (мудири кафедра), номзади илмҳои филологӣ, дотсентон Аҳмадов М., Мирмухаммедова М., Тиллохочаева М., Пӯлодова Ш., Абдурашидова У., номзади илмҳои педагогӣ, дотсентон Мавлонова М., Тошева М., Раҳимова Г. ва унвончӯёну аспирантон.

## РӮЗНОМА:

1. Муҳокимаи рисолаи номзадии унвончӯи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти точик Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эчодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Чомӣ)” барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01.– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

## Шунида шуд:

Чаласаро мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти точик дотсент Ш.Ҳакимова ифтитоҳ намуда, иброз дошт, ки рисолаи илмии унвончӯ Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эчодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Чомӣ)” барои муҳокима ва баррасӣ дар мачлиси якчояи кафедраҳои методикаи таълими забон ва адабиёти точик ва педагогикаи умумии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хучанд ба номи академик Бобочон Ғафуров пешниҳод гардидааст. Рисолаи мазкур таҳти роҳбарии профессор С.Шербоев таълиф ёфтааст.

Диссертатсияи илмӣ аз тарафи кафедра барои мутолиаву навиштани тақриз ба профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти точик А.Абдуқодиров ва дотсентони кафедраи мазкур М.Аҳмадов, дотсентони кафедраи педагогикаи умумӣ Ш.Кӯчибоев ва М.Мавлонова супорида шуд. Банда ҳам корро мутолиа намудам.

Дар чаласаи имрӯза аъзои кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти точик, педагогикаи умумӣ ва ҳамаи унвончӯёну аспирантон ва докторантони доктор PhD-и кафедраҳои мазкур ҳузур доранд. Агар

иҷозат бошад, ба кори маҷлиси имрӯза оғоз мебахшем. Агар тарафдори ин пешниҳод бошед, хоҳиш менамоям, ки раъйи худро изҳор намоед.

Баъди якдилона овоз додан ба оғози ҷаласа унвонҷӯ И.Бобоева ҳозиринро бо мазмуну мухтавои рисола ошно намуд.

**Гузориши унвонҷӯ И.Бобоева:** Ассалому алейкум устодони гиромӣ! Муҳтарам аъзои кафедраҳои методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва педагогикаи умумӣ!

Рисолаи илмии мо ба таҳлилу баррасии ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII дар раванди таълими осори классикон дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ бахшида шуда, аз муқаддима, 2 боб, 6 фасл, хулоса, номгӯи адабиёт, замимаҳо иборат мебошад **(матни баромад замима мешавад).**

Пас аз баромади диссертант И.Бобоева саволу ҷавоб сурат гирифт. Ба унвонҷӯ саволҳои зерин дода шуданд:

**Дотсент М.Тошева:** 1. Ҳадафи тадқиқот аз чиҳо иборат буд? 2. Натиҷаҳои бадастомада.

**Дотсент Ш.Ҳакимова:** 1. Кадом сарчашмаҳои илмиро дар рафти тадқиқот омӯхтед 2. Таълифоти муҳаққиқон бештар кадом ҷиҳатҳои мавзӯи тадқиқшавандаро фаро гирифтааст?

**Профессор А.Абдуқодиров:** 1. Озмоиши муқарракунӣ ва озмоиши таълимиро бо кадом роҳу усулҳо ба роҳ мондед? 2. То кадом андоза фарзияи тадқиқот дар рафти озмоиши таълимӣ собит шуд. 3. Дастоварди тадқиқот дар чӣ зоҳир мешавад?

**Дотсент М.Мавлонова:** 1. Ақидаи муҳаққиқони соҳаи педагогика дар бобати тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон. 2. Пешниҳоди мушаххаси олимонро вобаста ба ташаккул додани хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон баён кунед.

**Дотсент Ш.Пӯлодова:** 1. Ба омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик дар рафти озмоишҳо истифодаи кадом маводи адабиро бештар пешниҳод намудед. 2. Аҳамияти амалии диссертатсия.

**Дотсент М.Аҳмадов:** 1. Сабаби интихоби мавзӯъ. 2. Фарқи таҳаммулпазирӣ ва таҳаммулнопазирӣ.

Унвонҷӯ И.Бобоева ба саволҳои аз ҷониби мутахассисон додашуда ба қадри тавон ҷавобҳои мувофиқу қонеъкунанда дода, барои тақвият бахшидан ба гуфтаҳои худ мисолҳои мушаххас овард.

Баъдан муҳокимаи рисола оғоз гардид. Дар муҳокимаи рисола профессор А.Абдуқодиров, дотсентон М.Аҳмадов, Ш.Ҳакимова, Ш.Кӯчибоев, М.Тошева ва М.Мавлонова иштирок намуда, доир ба ҳусну қубҳи рисола назари хешро баён карданд. Аз ҷумла:

**Профессор А.Абдуқодиров** таъкид дошт: Рисолаи И.Бобоева ба яке аз мавзӯъҳои муҳимми педагогика бахшида шудааст. Барои таълифи рисолаи мазкур муаллиф маводи зиёди фактологиро аз осори адабӣ гирд оварда, онҳоро ба доираи таҳлил кашидааст.

Банда унвонҷӯ ва раҳбари илмии он кас профессор С.Шербоевро бо анҷоми кори мазкур таҳният менамоям.

Бархе аз маслиҳату пешниҳоди хешро манзур менамоям, то бароиислоҳи рисола кӯмаке расонида бошам:

1. Муқаддима таҳрир металабад, бояд ихчам карда шавад;
2. Барои курси хониши адабӣ дар диссертатсия мисолҳои фаровони бадеӣ фароҳам омадаанд, аммо чанд порчаҳои овардашуда ба мавзӯи таҳаммулпазирӣ на он қадар иртибот доранд.
3. Дар рисола хатоҳои имловӣ, услубӣ, китобӣ дида мешаванд, ки дар нусхаи банда ишора шудаанд.
4. Хуб мешуд, унвони мавзӯъ ҳарчи бештар мушаххастар карда шавад, зеро ном доираи васеъро фаро гирифта, муҳтаво матолиби муайянро фаро гирифтааст.

Ба гумони ман, рисоларо баъди таҳриру такмил ва бо ислоҳи ғалатҳои боло барои зинаи навбатӣ пешниҳод намудан мумкин аст.

**Дотсент М.Аҳмадов:** Мавзӯе, ки И.Бобоева интихоб кардааст яке аз корҳои таҳқиқотии актуалӣ ба ҳисоб меравад. Бо истифода аз фурсат муаллиф ва роҳбари илмии он касро бо анҷоми диссертатсия таҳният менамоям.

Рисолаи мавриди тақриз аз муқаддима, ду боб, 6 фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, 190 саҳифаи чопи компутериро дар бар мегирад. Бо мақсади он ки вақти Шуморо зиёдтар аз он, ки дар ихтиёр дорам, нагирам, бархе аз пешниҳодоти худро манзур менамоям:

1. Унвони фасли дуюми рисола низ "Таҳлили адабиёти илмӣ ва педагогиву психологӣ оид ба мавзӯи тадқиқот" таҳрирталаб аст.
2. Дар рисола гоҳе истифода шудани унсурҳои услуби бадеӣ дар шарҳи таҳаммулпазирӣ мушоҳида шуд (аз ҷумла, чун катиба бе шарҳ оварда шудани байтҳо).
3. Дар пайнавишт баъзан ғалат омадани тартиби алифбо мушоҳида гардид.
4. Дар кор истифодаи бемавриди воҳидҳои туфайлӣ зиёд ба мушоҳида расиданд.
5. Дар ифодаи пуркунандаи бевосита ва ҷамъбандии баъзе исмҳо норасоиҳои услубӣ мушоҳида мешавад.

Хулоса, баъди ислоҳи пешниҳодҳои мазкур рисолаи илмии И.Бобоеваро ба зинаи навбатӣ пешниҳод намудан мумкин аст.

**Дотсент Ш.Кӯчибоев:** Ман ҳам муаллиф ва раҳбари он касро бо ин дастовард таҳният менамоям. Ба пиндори мо, дар рисолаи мавриди тақриз чунин норасоиҳо ба назар расиданд:

1. Баъзе асарҳои олимони соҳаи педагогика, ки дар боби аввали рисола зикр гаштаанд, дар рӯйхати адабиёт мушоҳида нагардиданд;
2. Фаслҳои боби аввал, ки ҷанбаи назариявӣ доранд, таҳлилҳои амиқу мушаххасро фаро гирифтаанд, аммо дар хулосаи боб мухтасар таснифот нашудаанд.
3. Хуб мешуд, ки сатҳи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ муқоиса ва натиҷабардорӣ карда шавад.

Дигар саҳву ғалатҳо дар саҳифаҳои рисола нишон дода шудаанд ва ин ҷо аз такрори онҳо худдорӣ менамоям.

Хулосаи ман ҳам ҳамин аст, ки рисоларо баъди таҷдиди назар ба маводи мавриди омӯзиш, барои зинаи навбатӣ пешниҳод намудан мумкин аст.

**Дотсент М.Мавлонова:** Ман ҳам ба фикрҳои муқарризон, ки ин ҷо гуфта шуданд, розиам ва, дар навбати худ, муаллифи рисола ва раҳбари илмӣ С.Шербоевро бо анҷоми як кори дигари илмӣ таҳният менамоям. Ба хотири сарфаи вақт бархе аз пешниҳодҳои худро манзур менамоям:

1. Пешниҳод месозем, ки шарҳи фалсафӣ, педагогӣ ва психологии истилоҳи "таҳаммулпазирӣ" дар хулоса тасниф карда шавад.
2. Дар қисмати озмоиши кор, барои нишон додани натиҷаҳои пурсиш тариқи ҷадвал ва расмҳо манзур шудаанд, аммо гистограмма кам ба мушоҳида расид. Пешниҳод карда мешавад, ки натиҷаи интиҳоии озмоиш бо ҳамин усули муосир пешкаш гардад, ки натиҷаи амалии фарзияи корро боло мебарад.
3. Дар фасли шашуми диссертатсия таҳлили натиҷаи пурсишномаҳои озмоиш кам ба мушоҳида расид.

Маҷмӯан, рисолаи И.Бобоева кори анҷомёфта буда, баъди ислоҳи норасоиҳо барои зинаи навбатӣ пешниҳод намудан мумкин аст.

Ҳамин тавр, дигар аъзои кафедраҳо: дотсентон М.Мирмухаммедова, Г.Раҳимова ва М.Тиллохоҷаева, дар хусуси бурду бохти муаллифи рисола назари хешро баён карда, барои беҳтаргардии сифати кор маслиҳатҳо манзур намуданд.

Мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик дотсент Ш.Ҳакимова хулоса намуд, ки рисола ба мавзӯи муҳиму мубрам бахшида шуда, дар ҳаллу фасли он муаллиф заҳмати фаровон кашидааст, маводи зиёд гирд овардааст ва онҳоро бо риояи меъёрҳои равиши таҳқиқ ба риштаи таҳлил кашидааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна таҳти унвони "Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад.

Баъд аз муҳокимаву баррасии рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи "Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01.– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**Қарор карда шуд:**

1. Рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи "Ташаккули

хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01.– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пажӯҳиши анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Ба довталаб И.Бобоева супориш дода шавад, ки дар давоми 1 моҳ ҳамаи камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, ба кафедраҳо нусхаи ислоҳшудаи диссертатсияро пешниҳод намояд.

3. Баъди ислоҳи нуқсу камбудиҳои дар ҷараёни муҳокима баёншуда диссертатсия тибқи муқаррарот ба ташхиси давраи дуюм пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи якҷояи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва педагогикаи умумии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 16 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 16 нафар, "муқобил"- нест, "бетараф" – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Протоколи № 9 аз 14.04.2022 сол.

Раиси маҷлис, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Ш.Ҳакимова

Мудири кафедраи педагогикаи умумии МДТ-и"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Ш.Кӯчибоев

Котиби ҷаласа, муаллимаи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик — М.Раҳимова

Тасдиқ менамоям
Нозири сардори
РК бо КД — Хусейнова З.С.